**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Таъмин намудани амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои калидии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва ба ҷой кор таъмин намудани аҳолии деҳот соҳаи картошкапарварӣ нақши калидиро мебозад. Барои ноил гаштан бо чунин ҳадафҳо системаи илман асосноки тухмипарварии картошкаро дар минтақаҳои кӯҳи ба роҳ монда, самаранокии иқтисодии соҳаро баланд бардоштан лозим аст. Шароити иқлиму хоки ноҳияи Лахш барои парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланду хушсифати картошка хело мувофиқ мебошад. Зеро унвонҷу Акрамов А.Х. корҳои илмии худро оид ба хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар мавзеи Лахши водии Рашт равона намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

Навгони мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашти Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии муаллиф дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ навъҳо муайян карда шуд.

Акрамов А.Х. дар раванди таҳқиқот оид ба сатҳи сироятёбии навъҳои нави картошка аз касалиҳою зарраррасонҳо ва муҳофизати онҳо аз рӯйи методи М.В. Бурдукова [1967] тариқи мушоҳидаҳо ҳангоми аён шудани намуди зоҳирии онҳо муайян намуда, фоизи сироятёбиро бо формулаи $P = \frac{n \times 100}{N}$ ҳисоб намудааст. Ҳисоб намудани фоизи сироятёбии

навъҳо аз касалиҳо бо чунин метод дурустии кори анҷомдодашударо иникос менамояд.

Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои картошкаро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Профессори кафедраи ҳифз
ва карантини растаниҳо
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Тошпулотов М.М.

Имзои Тошпулотов М.М- ро
тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқӯқӣ ва кадрҳои ДАТ ба номи
Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.
25.09.2025

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел.: 908-08-73-12, E-Mail.: rectortau31@mail.ru